**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни зироатҳои кишоварзӣ, картошка ҳамчун маводи ғизоӣ аз ҷиҳати истеҳсол, ҳосилнокӣ ва самтҳои истифодабарӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Пешрафти ояндаи соҳаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ ба ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад. Дар афзун намудани истеҳсоли картошка, махсусан навъҳои серҳосил ва сифати тухмӣ нақши калидиро мебозанд. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо дар шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли тухмии аълосифат, яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор мераванд.

Таҳқиқотҳои илмии Акрамов А.Х ба масъалаҳои мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки хусусиятҳои баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт равона гардидаанд.

Навгонии мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи кухӣ, давомнокии давраи нашъунамои онҳо, устувории навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии ҳашаротҳои зараррасон муқаррар гардида, самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии Акрамов А.Х. дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ навъҳо муайян карда шудааст.

Акрамов А.Х. хусусиятҳои биологию агротехникии 9 навъи картошкаро дар таҷрибаҳои саҳроӣ омухта, навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворӣ ба омилҳои табиӣ аз

дигар навъҳои тадқиқгардида афзалият доштанд, интихоб ва ба истеҳсолот тавсия намудааст.

Навъҳои тавсияшаванда дар истеҳсолот дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш гардида, ҳосилнокии навъҳо ба 30-40 тонна га расонида шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳнад.

Автореферати рисолаи илмӣ пурра натиҷа ва вазифаҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро инъикос намуда, муаллифи он - Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Директори Маркази илмии
кишоварзии Помири АИКТ, н.и.б Мусоев С.

Имзои Мусоев С.-ро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо Наврузшоева С.Д .

15.05.2024

Суроға: 734002, ш. Хоруғ , к. У.Холдоров 1.
Тел.: 934172489, E-Mail.: smusoev1960@gmail.com